**Суратмаҷлиси №09**

ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D. КОА-010

04 июли соли 2024 ш. Душанбе

Иштирок доштанд: аз 15 нафар аъзои шурои диссертатсионии бо фармоиши КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 январи соли 2022, №27/шд тасдиқгардида, 14 нафар иштирок доранд, ки аз онҳо 4 нафарашон доктороии илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб меравандд. Пешниҳод шуд, ки ҷаласа кушода эълон карда шавад, пешниҳоди дигар нест? Нест. Якдилона қабул карда шуд.

**РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:**

1. Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсияи Шарипов Фирдавс Нуралиевич дар мавзуи «**Модификатсияи ҳосилаҳои нитрогендори глитсерол, диглитсерол ва имконияти истифодабарии онҳо дар синтези органикӣ**» барои дарёфти дараҷаи доктори фалсафа Ph.D аз рӯйи ихтисоси 6D.06.06.03- Химияи органикӣ.

Аз рӯйи масъалаи мазкур раиси комиссияи ташхиси шурои диссертатсионӣ доктори илмҳои химия, профессор Бандаев С.Г., аъзоёни комиссияи ташхис и.в. профессор, дотсент Пулатов Э.Х. н.и.х., дотсент Турдиалиев М.З. баромад намуданд (Хулосаи комиссияи ташхис замима мегардад).

**ҚАРОР КАРДА ШУД:**

1. Диссертатсияи Шарипов Фирдавс Нуралиевич дар мавзуи «**Модификатсияи ҳосилаҳои нитрогендори глитсерол, диглитсерол ва имконияти истифодабарии онҳо дар синтези органикӣ**» барои дарёфти дараҷаи доктори фалсафа Ph.D аз рӯйи ихтисоси 6D.06.06.03- Химияи органикӣ ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ таъин карда шаванд:

- **Раҳмонов Раҳмон Охонович**-доктори илмҳои химия, муовини директори Институти химия ба номи В.И.Никитин Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;
- **Муродзода Диловар Сайфулло**-номзади илмҳои химия, декани факултети илмҳои табиии Донишгоҳи Славиянии Россия ва Тоҷикистон.

3. Ба ҳайси **муассисаи пешбар-** Муассисаи давлатии таълимию илмии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, кафедраи химияи органикӣ ва биология таъин карда шавад.

4. Рӯйхати аъзои шуро, ки мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда махсуб меёбанд, тасдиқ карда шавад:

- доктори илмҳои химия, профессор Бандаев С.Г.;
- доктори илмҳои химия, профессор Раҳимова М..;
- доктори илмҳои химия, профессор Каримзода М.Б.;
- доктори илмҳои химия, дотсент Пулатов Э.Х.;
- доктори илмҳои химия, дотсент Раҷабзода С.И.

**5.** Санаи ҳимоя 19 **сентябри соли 2024** таъин карда шавад.

**Қарор қабул карда шуд**: тарафдор – 14 нафар, зид, бетараф – нест.

Муовини раиси шурои диссертатсионӣ
доктори илмҳои химия, профессор Раҳимова М.

Иҷрокунандаи вазифаи котиби илмии шурои
диссертатсионии 6D.КОА-010 назди
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
доктори илмҳои химия, профессор Самиҳов Ш.Р.

Имзои д.и.хим., профессор М. Раҳимова ва д.и.тех., профессор Ш.Р. Самиҳовро тасдиқ мекунам.

Сардори Раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДМТ Тавқиев Э.Ш.